باللغة الطاجيكية

# الفرق بين مذهب أهل السنة والجماعة وبين أهل الكلام

# ФАРҚ БАЙНИ МАЗҲАБИ АҲЛИ СУННАТ ВА ҶАМОАТ ВА БАЙНИ АҲЛИ КАЛОМ

**Дар баъзе кишварҳои Исломӣ талабагони мадрасаҳо чунин таълим мегиранд, ки мазҳаби аҳли суннат ин аст: "Имон овардан ба исмҳои Аллоҳ таъоло ва сифатҳои Ӯ бе таҳриф ва бе таътил ва бе исботи кайфият ва бе тамсил". Тақсими аҳли суннат ба ду қисм: Мадрасаи Ибни Таймия ва шогирдони вай ва мадрасаи ашъариҳо ва мотуридиён, оё ин тақсими саҳеҳ аст?**

**Назари як мусалмон дар бораи олимоне ки таъвил мекунанд, чигуна бошад?**

**Ҷавоб**: Дар ин шакке нест, ки он чи талабагон дар мактабҳо ёд мегиранд, ки мазҳаби аҳли суннат ин аст: Имон овардан ба исмҳои Аллоҳ таъоло ва сифатҳои Ӯ бе таҳриф ва бе таътил ва бе исботи кайфият ва бе монандкунӣ" ин ҳамон фаҳми воқеъӣ ва мувофиқи таълимоти аҳли суннат аст, ки китобҳои дароз ва мухтасари онҳо шаҳодат медиҳанд ва ин фаҳми мазҳаби ҳақ ва мувофиқ бо он чи аст, ки дар Китоб ва суннат ва гуфтаҳои салаф омадааст ва ин фаҳм муқтазои назари дуруст ва ақли сареҳ аст ва мақсади мо дар ин ҷо ёд кардани далелҳои он нест, зеро он дар савол дархост нашудааст. Танҳо мо он чиро посух мегӯем, ки аз мо талаб шудааст ва он ҳамоно тақсими аҳли суннат ба ду тоифа дар ду мадраса аст:

**Якум**: Мадрасаи Ибни Таймия ва шогирдони ӯ, ки онҳо сарф намудани оятҳо ва ҳадисҳоро аз зоҳираш манъ мекунанд (яъне таъвил кардани далелҳоро аз маънои зоҳираш дуруст намедонанд).

**Дуввум**: Мадрасаи ашъариҳо ва мотуридиҳо, ки онҳо сарфи далелҳоро аз зоҳираш дар боби исмҳои Аллоҳ ва сифатҳояш воҷиб медонанд.

Пас мо мегӯем: Маълум аст, ки миёни ин ду мадраса дар равиш ва услубашон дар мавриди он чи тааллуқ ба исмҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ дорад, ихтилофи ошкоре вуҷуд дорад, чун мадрасаи якум: Устодонаш инро гузориш ва исбот мекунанд, ки бояд далелҳоеро, ки тааллуқ ба исмҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ дорад бар зоҳираш гузошта шавад, ҳамроҳ бо нафй он чи ки нафйи он аз Аллоҳ таъоло воҷиб аст, монанди монанкунӣ ва ё исботи кайфият.

Ва мадрасаи дуввум: Устодонаш инро гузориш ва исбот мекунанд, ки бояд далелҳоеро, ки тааллуқ ба исмҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ дорад аз зоҳираш сарф карда шавад.

Пас ин ду равиш бо ҳам ихтилофи комил доранд ва ихтилофи ин ду равиш, бо овардани мисоли зер зоҳир ва ҳувайдо мешавад:

Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿بَلۡ يَدَاهُ مَبۡسُوطَتَانِ يُنفِقُ كَيۡفَ يَشَآءُ﴾ المائدة: ٦٤

"**Балки ҳар ду дасти Ӯ кушода аст, ҳаргунае ки бихоҳад инфоқ мекунад**". (Сураи Моида, ояти: 64).

Ва Аллоҳ таъоло дар мавриди ҳикоят аз сарзаниши Иблис, ҳангоме ки аз фармони Аллоҳ саркашӣ кард, онгоҳ ки ӯро фармуд, то барои Одам саҷда кунад, фармудааст:

﴿قَالَ يَٰٓإِبۡلِيسُ مَا مَنَعَكَ أَن تَسۡجُدَ لِمَا خَلَقۡتُ بِيَدَيَّۖ﴾ ص: ٧٥

"**Фармуд: Эй Иблис! Чи чиз туро монеъ шуд, ки саҷда кунӣ барои касе ки Ман онро ба ду дасти худ офаридаам**". (Сураи Сод, ояти: 75).

Устодони ин ду мадраса дар мурод ва матлаби ин ду даст, ки Аллоҳ таъоло онро ба нафси Худ собит кардааст ихтилоф намудаанд.

Пас аҳли мадрасаи аввал гуфтанд: Воҷиб аст маънои ин ду даст бар зоҳираш боқӣ монда шавад ва ду дасти ҳақиқӣ барои Аллоҳ таъоло бар гунае, ки лоиқи Ӯ туъоло аст, исбот карда шавад.

Ва аҳли мадрасаи дуввум гуфтаанд: Воҷиб аст маънои ин ду даст аз зоҳираш сарф карда шавад ва исботи ду дасти ҳақиқӣ барои Аллоҳ таъоло ҳаром аст, боз дар бораи мақсад ва мурод аз он ду даст ихтилоф намудаанд, ки оё мурод аз он "қувват" аст ё "неъмат".

Бо овардани ин мисол возеҳ гардид, ки равиш ва манҳаҷи ин ду мадраса аз ҳам мухталиф ва дигар аст ва бо вуҷуди ин ихтилоф имкон надорад, ки ин ду бо ҳам дар як васф, ки ҳамоно "аҳли суннат" аст ҷамъ шаванд.

Инҳангом васфи аҳли суннат бояд хоси яке аз онҳо бошад, на ба дигаре. Пас миёни онҳо ба адолат ҳукм кунем ва онҳоро ба тарозуи адл пешниҳод кунем, ки он китоби Аллоҳ таъоло ва суннати Расулуллоҳ ﷺ ва сухани саҳобагон ва онҳое аст, ки пешиниён ва имомони умматро ба некӣ пайравӣ кардаанд, мебошад.

Дар ин мизон ҳеҷ чиз мавҷуд нест, ки ягон ҷиҳат аз ҷиҳатҳои далолат, далолати мутобиқат, ё тазаммун, ё илтизом, возеҳ ё ишора кардани он чизеро, ки аҳли мадрасаи

дуввум доштаанд, нишон бидиҳад. Балки дар ин мизон ва тарозу чизе аст, ки сароҳатан ё зоҳиран ва ё ишоратан далолат бар роҳ ва равиши мадрасаи аввал мекунад, бинобар ин лозим мегардад, ки васфи "аҳли суннат" хос ба онҳо бошад ва аҳли мадрасаи дуввум дар ин васф бо онҳо шарик набошанд, зеро ҳукм ба шарик будани инҳо бо онҳо зулм буда ва ҷамъ миёни ду чизи зид ва мухталиф аст ва зулм шаръан манъшуда аст ва ҳамчунон ҷамъ миёни ду чизи зид ақлан манъ аст.

Аммо қавли аҳли мадрасаи дуввум, ононе ки далелҳоро таъвил мекунанд: Ҳеҷ монеъе нест, ки исмҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯро таъвил карда шавад, модоме ки зид бо далели шаръӣ набошад.

Пас мегӯем: Танҳо гардонидани калима аз маънои зоҳириаш бе далели шаръӣ хилофи далел аст ва бе илм дар ҳаққи Аллоҳ таъоло сухан кардан аст ва ҳамоно Аллоҳ таъоло инро дар фармудаи Худ ҳаром қарор додааст:

﴿ قُلْ إِنَّمَا حَرَّمَ رَبِّيَ ٱلْفَوَٰحِشَ مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا بَطَنَ وَٱلْإِثْمَ وَٱلْبَغْيَ بِغَيْرِ ٱلْحَقِّ وَأَن تُشْرِكُوا۟ بِٱللَّهِ مَا لَمْ يُنَزِّلْ بِهِۦ سُلْطَٰنًا وَأَن تَقُولُوا۟ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ ﴿٣٣﴾ ﴾ الأعراف: ٣٣

"**Бигӯ: (Аллоҳ) фақат корҳои зиштро, чи ошкоро бошад ва чи пинҳон ва (низ) гуноҳ ва саркашӣ ба ноҳақро ҳаром кардааст ва ин ки чизеро шарики Аллоҳ қарор диҳед, ки Аллоҳ далеле бар он нозил накардааст ва чизеро, ки намедонед ба Аллоҳ нисбат диҳед (ҳаром намудааст)**". (Сураи Аъроф, ояти: 33).

Ва дар ин фармудааш:

﴿ وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۚ إِنَّ ٱلسَّمْعَ وَٱلْبَصَرَ وَٱلْفُؤَادَ كُلُّ أُو۟لَٰٓئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْـُٔولًا ﴿٣٦﴾ ﴾ الإسراء: ٣٦

"**Ва аз он чи ба он илм надорӣ пайравӣ накун, бе шак гӯш, чашм ва дил, аз ҳар як инҳо пурсида хоҳад шуд**". (Сураи Исро, ояти: 36).

Ва ин касоне ки исмҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯро таъвил мекунанд дар бораи таъвилҳои худ ҳеҷ гуна илми нақлшуда ва ё маъқул надоранд, ҷуз шубҳаҳое ки ба он далел меоранд ва онҳо ҳам бо якдигар зиддият доранд ва бар он шубҳаҳо он қадар нақс дар зоти Аллоҳ таъоло ва сифатҳо ва ваҳйи Ӯ лозим меояд, ки бисёртар аз он нақсе аст, ки онҳо онро ба гумони худ дар исботи зоҳири далелҳо иддио доранд, вале ин ҷо маҳали шарҳ ва тафсили он нест.

Фақат мақсади мо баёни ин аст, ки васфи "аҳли суннат" имкон надорад барои ду тоифае дода шавад, ки манҳаҷ ва равиши ҳар ду дар ниҳояти ихтилоф ва гуногунӣ аст ва шоистаи ин васф фақат касе аст, ки сухани вай мувофиқи суннат бошад ва шакке нест, ки аҳли мадрасаи аввал (ки таъвил намекунанд) нисбат ба аҳли мадрасаи дуввум (ки таъвил мекунанд) ба васфи зикршуда (аҳли суннат) сазовортаранд ва ин ҳақиқат ошкор аст барои касе ки дар манҳаҷ ва равиши ҳар ду мадраса бо илм ва инсоф бингарад, пас дуруст нест. ки аҳли суннатро ба ду тоифа тақсим кард, балки онҳо як тоифаанд.

Аммо далел гирифтанашон ба сухани Ибни Ҷавзӣ дар ин боб, пас мегӯем: Суханони аҳли илм ниёз ба далел доранд ва ҳаргиз худи он суханон далелшуда наметавонанд, пас сухани ҳеҷ як аз аҳли илм болои дигарон ҳуҷҷат намебошад.

Аммо гуфтаи онҳо, ки имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ дар ҳадиси: "**Дилҳои фарзанди Одам миёни ду ангуште аз ангуштони Парвардигор қарор доранд...**", ва ҳадиси: "**Ҳаҷари асвад дасти рости Аллоҳ дар замин аст**".

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَهُوَ مَعَكُمۡ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡ﴾ الحديد: ٤

"**Ва Ӯ (Аллоҳ) бо шумост дар ҳар ҷое ки бошед**", (сураи Ҳадид, ояти: 4) таъвил кардааст.

Пас дар радди он хоҳем гуфт: Аз имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ собит нест, ки ин ду ҳадиси мазкурро таъвил карда бошад.

Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар фатвоҳои худ, ки онро Ибни Қосим ҷамъ намуда (5/398) гуфтааст:

"Ва аммо он чи Абӯҳомиди Ғазолӣ ҳикоят намуда аст, ки имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ далелҳои исмҳо ва сифатҳоро ҳаргиз таъвил накардааст, магар дар се мавридː

1-"**Ҳаҷари асвад дасти рости Аллоҳ дар замин аст**".

2-"**Дилҳои фарзанди Одам дар миёни ду ангуште аз ангуштони Аллоҳи Раҳмон аст**".

3-"**Ҳамоно ман нафаси Раҳмонро аз тарафи Яман меёбам**".

Пас ин ҳикоят бар имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ дурӯғ бофта шудааст, ҳеҷ кас онро бо санад аз вай нақл накардааст ва ҳеҷ як аз ёрони ӯро намешиносем, ки ин ҳикоятро аз ӯ нақл карда бошад"[1]. Суханаш тамом шуд.

Аммо фармудаи Аллоҳ таъоло:

---

[1] Маҷмӯъ-ул-фатово (5/398).

﴿وَهُوَ مَعَكُمْ أَيْنَ مَا كُنتُمْ﴾ الحديد: ٤

"**Ва Ӯ (Аллоҳ) бо шумост дар ҳар ҷое ки бошед**", (сураи Ҳадид, ояти: 4).

Пас имом Аҳмад онро таъвил накардааст, балки онро ба баъзе лозимҳояш баён кардааст, ки он илм аст ва он ҳам ба мақсади рад бар ҷаҳмия будааст, ки онҳо оятро ба хилофи муроди он таъвил кардаанд, зеро онҳо чунин гумон доштаанд, ки муқтазои оят ин аст, ки Аллоҳ таъоло ба зоти Худ дар ҳар ҷо аст, Аллоҳ таъоло аз гуфтаи онҳо бартар аст, пас имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ баён кардааст, ки "ҳамроҳӣ" дар ин ҷо ба маънои иҳота доштан ба ҳамаи халқ аст, ки аз ҷумлаи он илм ба онон аст.

Ва баёни он чунин аст, ки "ҳамроҳӣ" ҳамеша тақозои ҳулул ва омехтагиро надорад, балки маънои он дар ҳар ҷо мувофиқи он ҷо мебошад ва аз ин рӯ гуфта мешавад:

"سقاني لبنا معه ماء", "ба ман шире нӯшонид, ки ҳамроҳи он об буд". Ва гуфта мешавад: "صليت مع الجماعة", "ман ҳамроҳи ҷамоат намоз хондам". Ва гуфта мешавад: "فلان معه زوجته", "бо ҳамроҳи фалонӣ ҳамсараш аст".

Пас "ҳамроҳӣ" дар мисоли аввал: Тақозои омехтан ва дарҳам шуданро дорад.

Ва дар мисоли дуввум: Тақозои мушоракат дар макон ва амалро дорад, магар бе омехтан.

Ва дар мисоли сеюм: Тақозои мусоҳибат ва ҳамроҳиро дорад, агарчи мушоракат дар амал ё макон набуда бошад.

Вақте ки возеҳ шуд, ки фаҳми "ҳамроҳӣ" ба эътибори он чи изофа ба он мешавад, мухталиф буда ва фарқ дорад, пас

бояд донист, ки ҳамроҳии Аллоҳ таъоло бо офаридагонаш, аз ҳамроҳии махлуқот ба ҳамсони худ мухталиф буда ва фарқ дорад. Ва ҳаргиз имкон надорад, ки ҳамроҳии Аллоҳ таъоло бо махлуқоташ тақозои омехтагӣ ва ё мушоракат дар маконро дошта бошад, зеро чунин чиз дар ҳаққи Аллоҳ таъоло мумтанеъ аст, зеро ҷудоии Ӯ таъоло аз махлуқоташ ва баландии Ӯ болои онон собит шудааст, бинобар ин Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ бо мо мебошад, дар ҳоле ки Ӯ таъоло бар арши Худ болои осмонҳост, зеро Ӯ таъоло ба мо иҳотаи комил намудааст, (аз нигоҳи) илм, қудрат, салтанат, шунавоӣ, биноӣ, идора кардан ва ғайра умуре ки Парвардигории Ӯ тақозои онро дорад, пас замоне ки як муфассир "ҳамроҳи"-ро ба илм тафсир кунад, онро аз муқтазояш берун набурдааст ва таъвилгар ҳам намебошад, ҷуз назди касе ки аз калимаи "маъият" дар ҳамаи аҳвол мушоракат дар макон, ё омехта шудан ва дар ҳам буданро намефаҳмад ва албатта пеш гузашта аст, ки ин фаҳм дар ҳар ҳол лозим ва таъйиншуда нест.

Ин нисбат ба он чизе аст, ки аз имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ дар таъвили ин далелҳои сегона нақл шудааст.

Аммо нисбат ба худи ин далелҳо, албатта дар наздики пеш ёд намудем, ки агар муфассире маъиятро дар ояти карима ба маънои илм тафсир кунад, ҳаргиз таъвил намебошад, зеро ин тафсире аст, ки маъиятро ба баъзе муқтазоёташ тафсир кардааст, на нақли он аз маъное ки тақозои онро дорад.

Аммо ҳадиси: "**Ҳамоно ҳамаи дилҳои фарзанди Одам дар миёни ду ангуште аз ангуштони Аллоҳи Раҳмон**

**монанди як қалб аст, чигунае хоҳад, онро тағйир медиҳад**".

Пас инро имом Муслим дар Саҳеҳи худ дар китоби Қадар, боби савуми он рақами 17 саҳифаи 2045 ривоят намудааст.

Магар ҳаргиз дар ин ҳадис назди аҳли суннат ва ҷамоат ҳеҷ таъвиле вуҷуд надорад, чун онон ба он чи дар он во-рид шудааст аз исботи ангуштон барои Аллоҳ таъоло бар гунае ки лоиқи зоти Ӯ таъолост, имон доранд ва аз будани қалбҳои мо миёни ду ангушт аз ангуштони Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ ин бардошт лозим намеояд, ки он ангуштон қалбро ламс мекунад, чаро ки мо медонем абрҳо миёни осмон ва замин мусаххаранд, лекин бо он ҳам на осмонро ламс мекунанд ва на заминро, пас ҳамонгуна қалбҳои фарзанди Одам миёни ду ангушт аз ангуштони Аллоҳи Раҳмон қарор доранд ва он лозими ин намешавад, ки якдигарро ламс кунанд.

Аммо ҳадиси: "**Ҳаҷари асвад дасти рости Аллоҳ дар замин аст**". Пас Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар маҷмӯъи фатовои худ 6/397 аз ҷамъоварии Ибни Қосим, дар мавриди он гуфтааст: Ин ҳадис аз Паёмбар ﷺ бо исноде ривоят шуда ки собит нест ва машҳур ин аст, ки ин ҳадис аз гуфтаи Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аст, ки гуфтаанд: "**Ҳаҷари асвад дасти рости Аллоҳ дар замин аст, пас касе ки бо он мусофаҳа кунад ва онро бибӯсад, гӯё бо Аллоҳ таъоло мусофаҳа намуда ва дасти рости Ӯро бӯсида аст**".

Ва дар (3/44) аз маҷмӯъи фатовои мазкур гуфтааст: Ин асар сареҳ аст дар ин ки Ҳаҷари асвад на сифати Аллоҳ аст ва на худи дасти рости Ӯ, зеро гуфтаанд: "**Дасти рости Аллоҳ дар замин аст**" яъне онро ба замин муқайяд намуда ва мутлақ нагузоштааст ва нагуфт, ки "яминуллоҳ", "дасти рости Аллоҳ" ва маълум аст, ки ҳукми лафзи муқайяд аз лафзи ғайри муқайяд фарқ мекунад. Ва гуфта аст: "**Пас касе ки бо он мусофаҳа кунад ё онро бибӯсад, гӯё бо Аллоҳ таъоло мусофаҳа намуда ва дасти рости Ӯро бӯсида аст**". Ва маълум аст, ки монандшуда ғайри монандшуда ба ӯст". Суханаш тамом шуд.

Гуфтам: Бинобар ин ҳадиси мазкур аз сифатҳои Аллоҳ таъоло нест, ки ба маънои таъвилшуда ки мухолифи зоҳираш бошад, пас дар он аслан ҳеҷ таъвиле нест.

Аммо гуфтаи онҳо, ки инҷо ду мадраса аст: Яке мадрасаи Ибни Таймия, пас ба онҳо гуфта мешавад:

Нисбат додани мадраса ба Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ чунон ваҳм ва гумонро эҷод мекунад, ки ҳеҷ кас пеш аз вай ба он нарасидааст ва ин ваҳм ва гумон ғалат аст, чун ин рафтор ва равише ки Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ интихоб намуда, ҳамон равиш ва манҳаҷе аст, ки салафи солиҳ ва пешвоёни уммат бар он буданд, пас Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ нахустин касе нест, ки ин мадрасаро падид овардааст, чунончи аз қавли ин гӯянда, ки мехоҳад аз мақом ва манзалати ин мадраса бикоҳад, гумон бурда мешавад ва Аллоҳ мададгор аст.

Ва аммо назари мо дар баробари олимони таъвилкунанда ин аст, ки мегӯем: Касе ки аз миёни онҳо ба нияти нек

шинохта шуда ва вайро мақом ва манзалати воло дар дин ва пайравӣ аз суннат буда бошад, пас вай (дар ин натиҷагирӣ, ки сабабаш) таъвиле, ки бино бар иҷтиҳоди вай буда узрдор хоҳад буд, лекин узри вай дар ин маврид монеъ шуда наметавонад аз ин ки ба роҳ ва равиши вай хато гирифта шавад (ва онро ба хато нисбат дода шавад) чун равиши вай мухолифи он чи аст, ки салафи солиҳ бар он буданд (ва ӯ иборат) аз иҷро намудани далелҳо бар зоҳираш ва бовар доштан ба он чи он зоҳир бар он далолат мекунад, магар бе исботи кайфият ва бе монандкунӣ, бинобар ин бояд миёни ҳукми сухан ва ҳукми гӯяндаи он ва миёни ҳукми феъл ва ҳукми фоили он фарқ гузошт. Пас сухани хато дар сурате ки аз рӯи иҷтиҳод ва қасди нек содир шуда бошад, гӯяндаи он мазаммат намешавад, балки ӯро дар муқобили иҷтиҳодаш аҷр дода мешавад, ба далели фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Агар ҳоким иҷтиҳод кунад ва ҳукмеро содир намояд, ки дуруст бошад, барояш ду аҷр мебошад ва агар иҷтиҳод кунад ва ҳукмеро содир намояд, вале ҳукми вай хато биравад, барояш як аҷр мебошад**"[2]. Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Аммо дар бораи васф намудани ӯ бар залолат ва гумроҳӣ, бояд гуфт: Агар мурод аз гумроҳӣ ҳамон гумроҳии мутлақ бошад, ки шахси васфшуда ба он мазамматшуда ва бар вай душманӣ ва кина гирифта шуда бошад, пас ингуна васф ба ҳамчун шахси муҷтаҳид, ки ба нияти хуб шинохта

---

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, китоби эътисом бил китоб вас суннат, бобу аҷр-ил-ҳоким изо иҷтаҳада фаасоба ав ахтаа (7352) ва Муслим, китоби ақзия, бобу баёну аҷр-ил-ҳоким изо иҷтаҳада (1716).

шуда ва дорои мақом ва манзалати воло дар дин ва пайрави суннат буда тавҷеҳ карда намешавад.

Ва аммо агар мурод аз залолат ва гумроҳӣ ин бошад, ки сухани ӯ мухолифи ҳақ аст, бе ин ки гӯяндаи онро мавриди мазаммат ва сарзаниш қарор дода шавад, пас боке надорад, чун ингуна васфи залолат ва гумроҳӣ мутлақ нест, зеро он аз нигоҳи васила савоб ва дуруст аст, чун талоши худро ба хотири расидан ба ҳақ ба кор бурдааст, лекин аз нигоҳи натиҷа залол ва гумроҳӣ аст, чун хилофи ҳақ аст.

Бо ин баёни муфассал мушкилот ва муболиға аз байн меравад ва Аллоҳ мададгор аст [3].

[3] Фатово аркон-ил-Ислом аз они Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ, саҳ: 77-86.